# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии № ____**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 07.07.2023, № 22**

Барои сазовор донистани Назаров Муродалӣ Солиҳович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Назаров Муродалӣ Солиҳович дар мавзуи «Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) санаи 2-юми майи соли 2023 дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №33 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи декабри соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

**Назаров Муродалӣ Солиҳович,** соли таваллудаш 07.05.1990, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси муаллими кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Аз соли 2019 то соли 2022 докторанти PhD кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Тибқи накшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон номбурда 180 кредитро аз худ кардааст ва имтиҳони комплексиро бомуваффақият супоридааст.

Соли 2014 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси менеҷмент хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Назаров Муродалӣ Солиҳович дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 06 январи соли 2020 суратҷаласаи №6/2.4 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Нурализода Амрулло Назрулло -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, дар ҷараёни ба ҳимоя баромадани диссертатсия ба тариқи

интиқол ба вазифаи декани факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон гузашт.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҷабборов Абдусаттор Ҷабборович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Юнусзода Холмурод Қурбонали -** номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон дар тақризи мусбат, ки аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович омода карда шуда, аз тарафи раиси ҷаласа д.и.и., Комилов С.Ҷ. имзо гардида, дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон аз 01 июни соли 2023, суратҷаласаи №7 баррасӣ гардида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло Машраб Қурбоналӣ, 03 июни соли 2023 тасдиқ карда шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Назаров Муродалӣ Солиҳович дар мавзуи «Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос тибқи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Назаров Муродалӣ Солиҳович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 14 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Назаров М.С. Ҳолат ва роҳҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С.Назаров, С.Н.Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷаъмиятӣ. Душанбе-2021, №5, саҳ. 122-130, УДК:338.43 (575.3), ISSN 2413-5151.

[2-М]. Назаров М.С. Продовольственной безопасность и его роль в устойчивое развитие Республики Таджикистан [Текст] / М.С.Назаров,

И.С.Фасеҳзода // Образование и наука в России и за рубежом 2021. №5 (81), с.209-217., УДК 338.439.02 (575.3) ISSN 2221-4607

[3-М]. Назаров М.С. Асосҳои назариявии сифати зиндагии аҳолии деҳот ва танзими давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити муосир [Матн] / М.С.Назаров, А.Н.Нурализода // Паёми молия ва иқтисод (маҷалаи илмӣ-амалӣ). Душанбе-2022, №1, ISSN 2663-0389

[4-М]. Назаров М.С. Ҷанбаҳои назариявию услубии сатҳи сифати зиндагӣ ва роҳҳои рушди устувор дар минтақа [Матн] /М.С.Назаров, А.Н.Нурализода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №2 (56), Душанбе-2022с. ISSN 2664-0651

[5-М]. Назаров М.С. Масоили сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии минтақа дар таҳқиқоти назариявӣ [Матн] / М.С.Назаров // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №4/1 (58), с. 217-224, Душанбе-2022с. ISSN 2664-0651

[6-М]. Назаров М.С. Ҷанбаҳои асосии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии он дар минтақа [Матн] / М.С.Назаров // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 (60), Душанбе-2023с. ISSN 2664-0651

**Дар дигар нашрияҳо:**

[7-М]. Назаров М.С. Модели организации продовольственного рынка в национальной экономика [Матн] / М.С.Назаров, И.С. Фасехзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ ДДМИТ – 2021, саҳ.197-203

[8-М]. Назаров М.С. Моҳияти иқтисодӣ ва хусусиятҳои танзими давлатӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] / М.С.Назаров, С.Н.Ҳакимов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021) 12-17.04.2021 с., С.519-523

[9-М]. Назаров М.С Ҳолати молиявии корхонаҳо ва роҳҳои беҳтар гардонидани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С.Назаров, М.Ш.Шавқиева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021.

[10-М]. Назаров М.С. Омилҳо ва нишондиҳандаҳои муайянкунадаи сифати зиндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С.Назаров // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026) 18-23.04.2022 с.

[11-М]. Назаров М.С. Назарияҳои асосии худидоракунии маҳалӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии минтақа [Матн] / М.С.Назаров, Р.С. Расулов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар

мавзуи «Худидоракунии маҳаллӣ: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои рушд” – 11-12-ҳуми ноябри соли 2022, саҳ.287-298.

[12-М]. Назаров М.С. Модели организации продовольственного рынка в национальной экономика [Матн] / М.С.Назаров, И.С. Фасехзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ ДДМИТ – 2021, саҳ.197-203

[13-М]. Назаров М.С. Рушди иноватсионии комплекси агросаноати ва таҳлили таъмини бехатарии озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С.Назаров, Маводи конференсияи илмӣ назариявии ҳайати професорон омӯзгорон ва донишҷуёни ДДК бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026). 14-16.04.2022с. с100-104.

[14-М]. Назаров М.С. Соҳаи кишоварзи омили рушди иқтисодиёти мамлакат [Матн] / М.С.Назаров, Маводи конференсияи илмӣ назариявии ҳайати професорон омӯзгорон ва донишҷуёни ДДК бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026). 14-16.04.2022с. 104-107.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Холов Тоҷиддин Азизулоевич –** номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо чунин эрод:

- хуб мешуд, ки муаллиф дар ҷадвали якуми автореферат (с. 11-12) ақидаи худро боз ҳам васеътар шарҳ медод.

2. **Комилов Абубакр Қосимович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- сифати таҳқиқот беҳтар мегардид, агар бо нишондиҳандаҳои сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода, ба воситаи он ҳолати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баҳо медод;

- агар муаллиф бо истифода аз 12 нишондиҳандаи пешниҳоднамудаи СММ барои муайянсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар таҳқиқоти худ истифода менамуд, сифати кори анҷомдодашуда беҳтар мегардид.

3. **Сатторов Абдурасул Абдуғаффорович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- новобаста аз оне, ки объекти таҳқиқотии кори илмии мазкур дар мисоли минтақаи алоҳидаи ҷумҳурӣ оварда шудааст, агар хубтару беҳтар мебуд дар автореферат таҷрибаи баъзе кишварҳои тараққикардаи дунё оварда шуда, кадом таҷрибаи пешқадами онро дар мисоли ҷумҳурии мо амалӣ намудан мумкин аст, асоснок ва пешниҳод мегардид;

- дар матни автореферат баъзе хатогиҳои услубӣ ва техникӣ дида мешавад.

4. **Одиназода Комрон Саидаброр** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети баҳисобгирӣ-иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- зимни арзёбии тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон) гузаронидани таҳлили омилӣ ба манфиати кор мебуд.

- хулоса ва тавсияҳо коркард мехоҳанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи илмӣ ба омӯзиши хусусиятҳои рушди хизматрасониҳои иҷтимоии минтақаи Хатлон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***ғояи тафриқабандии минтақавии*** сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар асоси арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар маҳалҳо бо дарназардошти дараҷаи баланди тафриқа миёни аҳолӣ такмил дода шуда, истилоҳоти нав ба монанди "сатҳи зиндагӣ", "сифати зиндагӣ", "камбизоатии дарозмуддат" ба адабиёти иқтисодии ватанӣ ворид карда шуда, методологияи комили арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва такмили низоми мониторинги сатҳи зиндагии аҳолии минтақа асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

- ***таърифи муаллифии мафҳумҳои*** "сатҳи зиндагӣ", "сифати зиндагӣ" ва "камбизоатии дарозмуддат" пешниҳод гардида, роҳҳои рушди он, аз ҷумла тавассути бо ҷойи кор таъминкунии аҳолӣ, амалигардонии сиёсати иҷтимоии давлат, ба роҳ мондани истеҳсолоти агросаноатӣ, воридоти технологияҳои пешқадам, фаъолгардонии сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ нишон дода шудааст.

- ***омилҳои асосии*** муаянкунандаи сатҳи зиндагии аҳолии минтақа дар заминаи равандҳое, ки бо тағйиротҳои иҷтимоӣ-демографӣ алоқаманданд, аз ҷумла ҳиссаи аҳолии дар камбизоатии дарозмудат зиндагикунанда, сатҳи фаъолияти иқтисодӣ ошкор ва мушаххас карда шудаанд.

- ***назарияе асоснок ва исбот карда шудааст,*** ки таъмини рушди устувори минтақаҳои сераҳолии вилояти Хатлон аз сатҳи рушди соҳаи кишоварзӣ ва сиёсати давлатӣ дар ин самт вобастагӣ дошта, рушди иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор бо сатҳи зиндагии аҳолӣ иртиботи мустақим дорад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

-***муқаррароти*** бунёдии назарияи сатҳу сифати зиндагӣ, моҳият ва мундариҷаи мафҳумҳои «сифати зиндагӣ» ва «сатҳи зиндагӣ», методологияи

арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот муайян карда шудаанд, ки метавонанд ба пойгоҳи назариявии рушди иқтисодию ичтимоии минтақа дохил карда шуда, он ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагӣ дар асоси истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷудаи минтақа нигаронида шудаанд.

- ***алгоритми*** муайянсозии сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақа бо назардошти хислати хоси он, урфу одат, таркиби истеъмолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои истисноӣ нишон дода шуда, пешниҳод гардидааст, ки дар асоси рақамикунонии раванди ҷамъоварии маълумот, таҳқиқоти сотсиологӣ ва пурсишҳо дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ самаранокии низоми маълумоти дақиқ оид ба сатҳи камбизоатӣ таъмин мегардад.

- ***исбот карда шудааст***, ки ба табиати сатҳи зиндагӣ таносуби мафҳуми “сатҳи зиндагӣ”ва тағйирпазирии он вобаста аз муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ишора мекунад ва ин раванди мураккаби иқтисодиву иҷтимоӣ фарогири масоили марбут ба маҳдудиятҳои иқтидори инсон дар ҷомеа ва маҳдуд будани омилҳои рушди сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳо мебошад.

- ***зарурати*** дар мадди назар гирифтани сатҳи камбизоатии дарозмуддат асоснок карда шуда, ҷиҳати дар муайяннамоии сатҳи он ба инобат гирифтани маърифати деҳот, истифодаи технологияи интенсивӣ ва арзёбии фарқияти ҳудудии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо афзалият дода шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***ғояи зарурати*** тезонидани ҷараёни саноатикунонӣ дар минтақа асоснок карда шудааст, чунки таҳлили регрессионӣ нишон дод, ки ба ташаккул ва афзоиши даромади аҳолии вилояти Хатлон соҳаи саноат назар ба соҳаи кишоварзӣ таъсири бештар мерасонад ва тасдиқ шуд, ки чӣ қадаре дар минтақа кишоварзӣ ҳиссаи бештар дошта бошад, ҳамон қадар сатҳи даромад ва зиндагии аҳолӣ дар он пасттар ва тафриқаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон низ дар асоси ин нишондиҳанда зиёд аст.

- ***самтҳои асосии*** илман асоснокгардидаи таҳқиқот барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани вазъи рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳимми баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолии вилояти Хатлон бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода мешаванд.

- ***методикаи*** арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии минтақа асоснок ва пешниҳод шудааст, ки нишондиҳандаи мураккаби интегралиро дар бар гирифта, тавсифҳои сифатӣ ҳам ва миқдориро дар назар дорад.

- ***низоми мукаммали мониторинги*** сатҳи зиндагии аҳолии минтақа, ки дар асоси он нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои давраи миёнамуҳлат пешбинӣ мегарданд, мураттаб ва пешниҳод шудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***муқаррароти*** асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Раёсати рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти

Хатлон ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ татбиқ гардидаанд.

- ***методикаи*** арзёбии сифати зиндагии аҳолии деҳот такмил дода шудааст, ки фарқияти муайян дошта, дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ бо сабабҳои мухталиф, аз қабили мавсимӣ будани истеҳсолот ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ зарурати ба кор андохтани қувваи меҳнатӣ ба миён омада, барои баланд бардоштани даромади пулии аҳолии деҳот дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ бояд усулҳои зерин истифода карда шаванд: рушди минтақаҳои деҳот дар асоси инноватсионию индустриалӣ бо дарназардошти рушди соҳаи кишоварзӣ, ҷангал, обёрии заминҳои бекорхобида, шароити фурӯши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва дигар фаъолиятҳои иқтисодиии минтақа.

- ***зарурати*** таҳияи механизми самараноки идоракунии сифати зиндагии аҳолӣ на танҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ, балки дар сатҳи минтақавӣ барои ба самти иҷтимоӣ равона сохтани иқтисоди бозорӣ ***исбот шудааст***.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***ғояи*** такмили самтҳои асосии механизми идоракунии сифати зиндагии аҳолӣ, ки аз унсурҳои зерин: методикаи омӯзиши нишондиҳандаҳо, мақсад, самтҳо ва усулҳои баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ иборат аст, асоснок шудааст.

- ***усули*** баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ ҳамчун ҷузъи асосии механизми идоракунии сифати ҳаёт пешниҳод шудааст, ки дар сатҳи минтақа истифода бурдани чор гурӯҳи нишондиҳандаҳо: меҳнатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷамъиятию сиёсиро дар назар дорад.

- ***самтҳои*** баланд бардоштани сатҳ сифати зиндагии аҳолии минтақа, аз қабили зиёд кардани сатҳи воқеии музди меҳнат ва барқарор кардани нақши он чун сарчашмаи асосии даромад ва ҳавасмандии асосии фаъолнокии иқтисодии кормандон; пайваста зиёд кардани музди меҳнати ҳадди аққал ва тадриҷан ба сатҳи ҳадди аққали рӯзгузаронӣ наздик кардани он; эҷоди шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилие, ки пардохти саривақтӣ ва пурраи музди меҳнатро таъмин менамояд; дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани ҳуқуқи ҳифз шудани кормандон ҳангоми ба таъхир афтодани пардохти музди меҳнат; дар деҳот рушд додани иқтидори корхонаҳои саноатӣ; сохтмони манзили истиқоматӣ дар шаҳрҳо ва дар деҳот ва таҳияи барномаи дастгирии мутахассисони ҷавон дар деҳот, ***пешбинӣ ва асоснок карда шудаанд***.

- ***исбот шудааст***, ки сиёсати ҷадиди иҷтимоию иқтисодӣ бояд қабл аз ҳама ба афзун сохтани даромади қишри камбизоати аҳолӣ равона гардида, дар баробари ин, фарқияти иҷтимоии даромадҳои аксарияти мутлақ ва ақаллияти ками аҳолӣ бояд коҳиш дода шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- иштироки шахсии унвонҷӯ дар роҳи ба даст овардани натиҷаҳо аз иштироки он дар ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш, асосноккунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои рисола.

- таҳқиқоти илмии докторант дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми таълими фанҳои “Макроиқтисод”, “Иқтисодиёти меҳнат” “Иқтисод ва идоракунӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ”, “Таҳлили иқтисодӣ”, “Иқтисоди миллӣ” истифода шуда истодааст.

- муаллиф дар раванди таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он, ҳалли мушкилоти мавҷуда, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва ҳавасмандии аҳолии деҳот баҳри ободонии он саҳмгузор мебошад.

- дар омода ва нашр намудани 14 мақолаи илмӣ, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, зоҳир мегардад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 07 июли соли 2023 қарори сазовор донистан Назаров Муродалӣ Солиҳович бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шӯро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассис оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**07 июли соли 2023.**